20___ A Alisher Navoiy ... MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

14 марти соли 2020. Шанбе

№ 23 (14622)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ХАБАРИ МУХТАСАР

### ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ КЕНГАШИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

***13 марти соли 2020 ҷамъомади Кенгаши Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор шуд.***

Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева ҷамъомади Кенгашро кушода, ба масъалаҳои тақвияти иштироки аъзои палатаи болоӣ дар ислоҳоти васеъмиқёси дар кишвар татбиқшаванда ва истифодаи самараноки ваколатҳояшон сухан гуфт.

(Давомаш дар саҳ.2).

# САМАРАИ ИСЛОҲОТРО ҲАР ЯК ИНСОН, ҲАР ЯК ОИЛА ДАР ҲАЁТИ ХУД БОЯД ЭҲСОС КУНАД



***Чи хеле ки пештар хабар дода шуда буд, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба мақсади шинос шудан бо рафти ислоҳоте, ки дар маҳалҳо татбиқ мегарданд, лоиҳаҳои бузург ва мулоқот намудан бо халқ 12-13 март аз вилояти Хоразм боздид намуд.***

Дар рӯзи дувуми сафар раҳбари давлат дар шаҳри Урганҷ бо иштироки ҳокимони вилояти Хоразм ва ноҳияҳо, вакилони шӯроҳои маҳаллӣ, роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, соҳибкорон ва зиёиён ҷамъомад баргузор намуд.

Мо ислоҳотамонро бо мақсади беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардум, дар асоси мулоқот ва машварат бо мардум татбиқ мекунем. Ман ба Хоразм омадам, то ки дар бораи мушкилоти мардуми маҳаллӣ сӯҳбат кунам. Аз ин рӯ, агар шумо масъалаҳои зиёдро ба миён гузоред, натиҷа хоҳад шуд. Мо бо дурӯғ ва гапҳои баландпарвоз гуфтан ба ин ҳолат афтидем. Фиреб додани Президент ба хиёнат ба Ватан баробар аст, гуфт Шавкат Мирзиёев.

Суръати пасти рушди минтақа зикр гардид. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 маротиба, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хидматрасонӣ аз нишондиҳандаи миёнаи кишвар 2 маротиба кам аст. Дар минтақа 58 ҳазор оила вазъи молиявии паст дорад, аз онҳо 856 оила дар аҳволи ниҳоят танг зиндагӣ мекунад. Бисёриҳо барои кор ба хориҷа рафтаанд. Ҳамаи ин таъсиси 200 ҳазор ҷойи кориро дар Хоразм талаб мекунад.

Роҳбари давлат қайд кард, ки ҳадафи асосӣ ҷалби мардум ба соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ мебошад, ки тавассути он якбора коҳиш додани камбизоатӣ ба даст меояд.

Зарурати рушди босуръати соҳибкорӣ дар ноҳия ва шаҳрҳо, ба «фабрикаи лоиҳаҳо» табдил додани бонкҳо зикр гардид. Дастурҳо оид ба ташкили иншооти истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ дар заминаи 2,5 ҳазор бинои холӣ, татбиқи лоиҳаҳои нав дар минтақаи озоди иқтисодии Ҳазорасп дода шуданд.

Вазъи хидматрасонии пулакӣ дар деҳот низ мавриди тозиёнаи танқид гирифта шуд. Таъкид гардид, ки ҳаҷми хидматрасонӣ дар деҳот нисбат ба шаҳри Урганҷ 10-15 маротиба камтар аст ва бояд шумораи чунин иншоотҳоро ба таври назаррас афзоиш дод.

Дар ҷамъомад Президент Шавкат Мирзиёев самтҳои муҳими рушди вилояти Хоразмро муайян кард. Ҳамин тариқ, дар се соли оянда дар вилоят амалӣ сохтани 2 736 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 24 триллион сӯм ва ташкили беш аз 50 ҳазор ҷойи корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар заводи автомобилсозии вилояти Ҳазорасп оид ба то 65 фоиз (айни замон мутаносибан 27 ва 14 фоиз) баланд бардоштани дараҷаи маҳаллисозии истеҳсоли микроавтобусҳои «Дамас» ва «Лабо» лоиҳаҳои нав татбиқ хоҳанд шуд.

Лоиҳаҳои нав таҳия мешаванд, ки имкон медиҳанд сатҳи коркарди пахта дар соли оянда то 100 фоиз ва дар се соли оянда сатҳи коркарди калоба аз 35 фоизи ҳозира то 70 фоиз расонида шавад.

Сохтмони корхонаи кимиёвӣ бо иқтидори солонаи 63 ҳазор тонна содаи каустикӣ ва хлор бо ҷалби 250 миллион доллар сармояи Малайзия ба нақша гирифта шудааст.

Оид ба истифодаи оқилонаи об, ташкили кластерҳои меваю сабзавот, таъсиси бренди харбузаи Хоразм ва тавсеаи парвариш ва содироти ин маҳсулот вазифаҳо гузошта шуданд.

Ба мақсади вусъат додани салоҳияти сайёҳӣ оид ба ташкили минтақаи сайёҳӣ дар ду канори канали Шовот, дар шаҳри Хева «Шаҳраки хонҳои Хоразм» супориш дода шуд.

Бо мақсади тарғиби санъати миллӣ, ҷалби сайёҳони хориҷӣ сарвари давлат пешниҳод кард, ки дар Хоразм Ҷашнвораи байналмилалии лазгӣ баргузор шавад. Иштирокчиён ин ташаббусро самимона дастгирӣ карданд.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни сафари пешинаи худ ба вилояти Хоразм супориш дода буд, ки дар шаҳри Урганҷ боғи ёдгории Ҷалолиддин Мангубердӣ ташкил карда шавад. Дар ин асос, пешниҳоди лоиҳа омода карда шуда, дар рафти ташрифи кунунӣ намоиш дода шуд.

Шавкат Мирзиёев нусхаи хомакии ҳайкалро синчакорона аз назар гузаронд. Таъкид намуд, ки ёдгории мазкур маҳобатнок бошад, то ки аз дур ҳам ба назар намоён гардад.

Якҷоя бо шахсони масъул майдони барои ҳайкал пешбинишуда муҳокима шуд.

— Ҷалолиддин Мангубердӣ саркардаи бузург, ифтихори миллати мост. Ва майдони ӯ, мутаносибан, бояд калон, назаррас бошад. Дар саросари боғ бояд лавҳаҳои муборизаи Мангубердӣ барои озодӣ, набардҳои ӯ насб карда шаванд. Бигзор бинандагон танҳо ҳайкалро надида, барои худ дониш, қуввату қудрат касб намоянд, сайёҳон таърихи моро омӯзанд, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Барои аз нав дида баромадан ва бодиққат мулоҳиза кардан, ба назар гирфтани қулайӣ барои ҳаракати нақлиёт дастурамалҳо дода шуданд.

Сафари сарвари давлатамон ба вилояти Хоразм ба поён расид.

**ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

## Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ТАЪСИС ДОДАНИ ОРДЕНИ "ОЛИЙ ДАРАЖАЛИ ДЎСТЛИК"

Аз ҷониби Палатаи қонунгузорӣ 30 сентябри соли 2019 қабул шудааст
Аз ҷониби Сенат 11 октябри соли 2019 тасдиқ шудааст

**Моддаи 1.** Ордени «Олий Даражали Дўстлик» таъсис дода шавад.

**Моддаи 2.** Низом дар бораи ордени «Олий Даражали Дўстлик» тасдиқ карда шавад (илова мегардад).

**Моддаи 3.** Тавсифи ордени «Олий Даражали Дўстлик» тасдиқ карда шавад (илова мегардад).

**Моддаи 4.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 22 декабри соли 1995 № 176 - I **«Дар бораи мукофотҳои давлатӣ"** (дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 11 апрели соли 2018 № ҚҶЎ-473) (Ахборотномаи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, 2018, № 4, моддаи 221; 2019, № 9, моддаи 589) илова ва тағйироти зерин ворид карда шавад:

1) **моддаи 8** бо **қисми дуюми** мазмуни зайл мукаммал карда шавад:

«Ордени «Олий Даражали Дўстлик» инчунин ба таркиби орденҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон ворид мегардад»;

2) **моддаи 15** бо **қисми ҳаштуми** мазмуни зайл мукаммал карда шавад:

«Ордени «Олий Даражали Дўстлик» дар тарафи рости сина ё ки занҷири орден овехта мешавад».

**қисмҳои ҳаштум — чордаҳум** мутаносибан **қисмҳои нӯҳум — понздаҳум** ҳисоб карда шаванд;

**қисми дувоздаҳ** дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Қоидаҳои овехтани лентаҳо дар тахтаҳо нисбат ба нишонҳои олӣ — медали «Олтин Юлдуз», орденҳои «Мустақиллик», «Амир Темур», «Жалолиддин Мангуберди», «Олий Даражали Дўстлик», инчунин нишони сарисинагии унвонҳои ифтихории Ҷумҳурии Ўзбекистон» татбиқ намегарданд.

Моддаи 5. Қонуни мазкур аз рӯзи интишори расмии он эътибор пайдо мекунад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*11 марти соли 2020*

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 11 марти соли 2020-ум № ҚҶЎ-609
ТАСДИҚ ШУДААСТ

# НИЗОМ
## дар бораи ордени «Олий Даражали Дўстлик»

1. Бо Ордени «Олий Даражали Дўстлик» ҳамчун рамзи эҳтироми бепоён ва эъзозу икроми халқи Ўзбекистон онҳое, ки дар рушди устувори муносибатҳои дўстӣ ва шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ бо Ҷумҳурии Ўзбекистон иродаи баланди сиёсӣ нишон додаанд, барои ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ, ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанба фаъолона ташаббусҳо пешниҳод намудаанд ва рӯҳи нав, маънои амиқ ва амалӣ бахшидаанд, инчунин барои хидматҳои махсуси баландашон дар назди Ҷумҳурии Ўзбекистон:

сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои хориҷӣ;

намояндагони парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ;

роҳбарон ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва дигар ташкилотҳои ба онҳо ҳамрадиф;

арбобони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки худро шахсони намоёни соҳаҳои илм, таълим ва тарбия, тандурустӣ, маънавият, фарҳанг ва варзиш нишон додаанд, инчунин меценатҳо, ки бо корҳои хайр дар рӯҳияи инсондўстӣ машҳур гаштаанд, намояндагони маъруфи доираҳои соҳибкорӣ мукофотонида мешаванд.

2. Бо ордени «Олий Даражали Дўстлик» барои:

саҳми шахсиашон дар рушди муносибатҳои ҳамаҷонибаи муфиди шарикӣ, пурзӯр гардондани эҳтиром ва эътимоди байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дигар давлатҳо;

саҳми махсусашон дар таҳкими муносибатҳои дўстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ бо мардумони кишварҳои хориҷӣ;

иштироки фаъолонаашон дар ҳифз, омӯхтан ва тарғиби васеи арзишҳои маънавии умумибашарӣ ва миллӣ, мероси таърихӣ, минбаъд бой гардонидани фарҳанг ва санъати халқҳои гуногун;

натиҷаҳои назаррасашон дар тавсеаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳои бузурги иҷтимоию иқтисодӣ ва инвеститсионӣ, инчунин дар соҳаҳои гуногун таҳия ва татбиқ намудани ғоя ва технологияҳои инноватсионӣ;

дастовардҳои бузургашон оид ба таъмини пешрафт дар соҳаҳои илм ва маърифат, фарҳанг, санъат ва адабиёт, маориф, тандурустӣ ва варзиш, инчунин дар соҳаи рушди сармояи инсонӣ;

фаъолияти фидокорона ва чандинсолаашон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон, дастгирии занон ва кўдакон, таҳкими сохтори оила;

хизматҳои барҷастаашон дар ташкили ҷомеаи пурзӯри шаҳрвандӣ ва одилона, баланд бардоштани нақш ва аҳамияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навсозии демократии кишвар, таъсис ва таҳкими муколамаи мунтазам ва самарабахши ҷомеа ва давлат;

фаъолияти бисёрсолаи пурмаҳсулашон, ки ба ҳалли амалии мушкилоти экологӣ, таъмини муҳити мусоид дар ҷаҳон ва кишвар, ҳифзи генофонди инсон, гуногунии биологӣ ва боигариҳои табиӣ, ҳифзи амнияти экологӣ аз наслҳои ҳозира ва оянда нигаронида шудаанд;

фаъолияти барҷастаи байналмилалии иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва хайрия мукофотонида мешаванд.

3. Бо ордени «Олий Даражали Дўстлик» метавонад шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мукофотонида шаванд. Ғайр аз он, ордени «Олий Даражали Дўстлик» мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мебошад.

4. Сарфароз гардонидан бо ордени «Олий Даражали Дўстлик» бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон сурат мегирад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи сарфароз гардонидан бо орден дар воситаҳои ахбори оммавӣ нашр карда мешавад.

5. Супурдани ордени «Олий Даражали Дўстлик» ва ҳуҷҷати дахлдор дар бораи мукофотонӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ё ки бинобар супориши вай аз номи дигар роҳбарони масъул дар фазои идона баргузор мешавад.

6. Бо ордени «Олий Даражали Дўстлик» мукофотонидани Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо ташаббуси палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон амалӣ карда мешавад.

7. Шахсоне, ки бо ордени «Олий Даражали Дўстлик» сарфароз шудаанд, дар ҳаҷми дусад баробари андозаи ҳисоби базавӣ мукофоти якдафъаинаи пулӣ ё ки тӯҳфаҳои хотиравӣ мегиранд, инчунин аз имтиёзҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, истифода мебаранд.

8. Ордени «Олий Даражали Дўстлик» дар тарафи рости сина тибқи риоя намудан ба пайдарпайии мувофиқ ё ки занҷири орденӣ овехта мешавад.

***Дар меҳмонхонаи «Hyatt Regency»-и пойтахт маросими муаррифии шумораи махсуси маҷаллаи озарбойҷонии «Шахсони таърихӣ» бахшида ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба амал омад.***

# ШУМОРАИ МАХСУСИ МАҶАЛЛА БА ЎЗБЕКИСТОН БАХШИДА ШУД

Дар чорабинӣ намояндагони корпусҳои дипломатии дар Ўзбекистон номнависшуда, аз ҷумла сафирони як қатор давлатҳои хориҷӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, кормандони вазорату идораҳои дахлдори кишвар ва аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулазиз Комилов, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар мамлакати мо Гусейн Гулиев, сармуҳаррири маҷаллаи «Шахсони таърихӣ» Халил Караҳмедов ва дигарон алоҳида таъкид карданд, ки ҳамчун «Шахси сол» эътироф шудани Президенти мамлакати мо баҳои холисона ва одилона ба фаъолияти ӯ мебошад, чунки ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии бинобар миқёс бесобиқаи дар кишвар татбиқшаванда ва натиҷаҳои баланде, ки Ўзбекистони ба маънои том нав, ки имрӯз ба ҷаҳон кушода мешавад, ба даст меоварад, бевосита бо номи Шавкат Мирзиёев вобаста мебошад.

Дар шумораи махсуси маҷаллаи байналмилалии «Шахсони таърихӣ», ки бо забони русӣ бо дастгирии Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ўзбекистон ва Маркази фарҳангии Озарбойҷон ба номи Ҳайдар Алиеви назди сафорат нашр шудааст, аз ҷумла чунин гуфта шудааст:

«Барои фаъолияти пурмаҳсулаш дар барқарор намудани анъанаҳои таърихӣ, саъю ҳаракати бемислаш дар баланд бардоштани нуфузи Ҷумҳурии Ўзбекистон дар миқёси ҷаҳонӣ ва инчунин барои саҳмгузориаш дар рушди муносибатҳои бародаронаи Ўзбекистон ва Озарбойҷон бо қарори якдилонаи ҳайати таҳрири маҷаллаи байналмилалии Озарбойҷон «Шахсони таърихӣ» Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар соли 2019 «Одами сол» эътироф шуд».

(Давомаш дар саҳ.2).

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 11 марти соли 2020-ум № ҚҶЎ-609
ТАСДИҚ ШУДААСТ

# ТАВСИФИ
## ордени «Олий Даражали Дўстлик»







Ордени «Олий Даражали Дўстлик» аз нуқраи тамғаи 916 тайёр карда мешавад, ки вазнаш 110 грамм буда, бо тиллои иёраш 999-и ғафсиаш 1 микрон пўшонда шуда, аз чаҳор рўкаши медалонҳо иборат аст.

Медалонҳои якум ва дуюм дар маҷмӯъ ситораи шонздаҳқирраро мемонад, ки рамзи офтобро нишон медиҳад.

Ҳар як қирраи ситораи якуми ҳаштқунҷа, ки аз нуқраи оксиди бо диаметри 63,4 миллиметр тайёр карда шудааст, се нур дорад.

Ситораи дуюми ҳаштқирраи диаметраш 70 миллиметр аз нуқраи тобони беҷило омода шуда, аз шуоъҳои нақши муқарнаси зарҳалкоришуда ҳошиядорӣ шудааст. Дар болои шуоъҳо баргҳои муқарнаси тобнок бо дарозии 7,8 миллиметр хобонда шудааст.

Медалони сеюм ситораи ҳаштқирраи тиллоии диаметрашон 42,1 миллиметрро бо шуоъҳои дуқирра мемонад, ки болои он ситораи ҳаштқунҷаи диаметраш 39,5 миллиметр бо шуоъҳои чоркунҷаи иборат аз нуқраи ҷилодор ва сангҳои хотамкоришуда воқеъ гардидааст.

Медалони чорум, ки дар маркази орден ҷойгир аст, доираи диаметраш 24,6 миллиметраи бо сири кабуд пўшонида, бо ҳошияи доираи зарҳалишуда печонда шудааст ва гўшаи поёниаш доираи бо 6 бриллианти андозаашон 2,4 миллиметраи 0,96 карата нақшбандишударо ифода менамояд. Дар қисми болоии медалон навиштаҷоти тиллоии "OLIY DARAJALI DO'STLIK" навишта шудааст. Баландии ҳарфҳо 2,3 миллиметр мебошанд.

Дар маркази медалон тасвири барҷастаи тиллоии кафи кушода ва кабўтаре, ки дар минқораш шохаи зайтунро нигоҳ медорад, ки рамзи сулҳ ва дўстӣ мебошад, бо доираи зарҳалии диаметраш 17,2 миллиметр ҳошиядорӣ шудааст.

Орден ду васлкунак дорад:

1) пайвандаки винтдор бо тофта маҳкам кардан ба гайка;

2) чангаки ҷудошаванда, ки ба занҷири орден пайваст карда мешавад.

Дар тарафи дигари орден рақами ҷоиза бо ҳарфи ба андозаи 2 миллиметр фурӯхамида навишта шудааст.

Занҷираи орден бо дарозии 700 миллиметр аз пробаи 916-и нуқраи вазнашон 170 грамм, бо тиллои пробаи 999-и ғафсиаш 1 микрон тайёр карда шудааст. Занҷир ба пайвандҳои калон ва хурд тақсим мешавад. Пайвандҳои калони диаметрашон 45 миллиметр тасвири медалони марказии орденро ифода менамояд, ҳалқаҳои хурд аз ситораҳои ҳаштқирраи 18 миллиметра иборат мебошад. Занҷир аз 22 ҳалқа, аз ҷумла, бандак иборат аст.

Ҳалқаи марказии занҷири орденро ду ҳаштқирраи бо доираи дарунтасвири бо сири кабуд пўшондашуда ташкил медиҳад. Дар паси ғуруби офтоб паррандаи Humo тасвир ёфтааст.

# ШУМОРАИ МАХСУСИ МАҶАЛЛА БА ЎЗБЕКИСТОН БАХШИДА ШУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

— Маҷаллаи "Шахсони таърихӣ" нашрияи дар миқёси байналмилалӣ эътирофшуда мебошад, – мегӯяд Гусейн Гулиев. – Нуфузи озмуни «Одами сол» низ баланд аст. Пеш аз эълони «Одами сол» ҳайати доварон дар байни сиёсатшиносони маъруф, ходимони давлатӣ ва ҷамъиятии Озарбойҷон, инчунин кишварҳои мухталифи ИДМ пурсиш баргузор мекунанд. Андешаҳои ҷамъоваришуда бодиққат омӯхта ва таҳлил карда мешаванд. Баъд аз ин, қарори ниҳоӣ қабул карда мешавад. Ин дафъа, аксар коршиносон аз байни якчанд номзадҳо ба Президент Шавкат Мирзиёев овоз доданд. Ва ин қарори одилона аст. Зеро бо назардошти таҳлили фаъолияти роҳбари давлати шумо дар се соли охир, интихоби номзади дигар ғайриимкон буд. Бо ташаббуси ӯ, дар кишвар дигаргуниҳои мусбат ҷараён доранд, ки онро тамоми ҷомеаи ҷаҳон мушоҳида мекунад. Аз ҳама муҳимаш, Президентро мардуми Ўзбекистон дастгирӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки маҷалла, ки аз соли 2006 дар Озарбойҷон нашр мешавад, ба таври анъанавӣ ҳамасола «Одами сол»-ро аз байни пешвоёни ҷаҳон ва шахсиятҳои намоёни ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ муайян мекунад. Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдӯғон ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин қаблан ин унвонро соҳиб шуда буданд.

Дар чорабинӣ мушовирони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Х. Султонов, А. Абдувоҳидов ва Р. Қосимов иштирок намуданд.

**Ғайрат ХОННАЗАРОВ, Озода БЕКМУРОДОВА, мухбирони ЎзА**



*Дар маҷмӯи миллии намоишгоҳи «Ўзэкспомарказ» намоиши байналхалқии «Хоҷагии қишлоқ – AgroWorld Uzbekistan – 2020» барпо гардид.*

*Чорабинии мазкурро ширкати намоишҳои байналхалқии «Iteca exhibitions» ташкил намуд ва дар он аз 20 кишвари ҷаҳон 170 ширкати маҳаллӣ ва хориҷӣ иштирок намуд.*

***Дар сурат:** дар намоишгоҳ.*

***Суратгир: О.МИРСОАТОВ (ЎзА).***

Таҳлил, танқид, таклиф

# ҲАМА БА ЗИНДАГИИ ХУБ ҲАҚ ДОРАД

**Шахсони ниёзманд, табақаи ба муҳофизати иҷтимоӣ муҳтоҷ ҳамеша дар маркази эътибор. Аз солҳои аввали истиқлолият ба татбиқи амалии қонун ва қарорҳои зиёде гувоҳ гардидем, ки марбут ба дастгирии моддии аҳолии камдаромад мебошанд. Муайян сохтани оилаҳое, ки воқеан дар шароити душвор умр ба сар мебаранд, то имрӯз вазифаи ҷамоаҳои шаҳрвандӣ, фаъолони маҳалла ҳисоб меёфт. Аризаҳо барои дарёфти кӯмакпулӣ аз ҷониби комиссияҳои корие, ки дар назди ҷамоаҳои шаҳрвандӣ таъсис ёфтаанд, дида баромада мешуданд. Вале, мутаассифона, шахсоне ёфт мешуданд аз қонеъ гардонда нашудани мурочиаташон норизо. Албатта, миқдори маблағе, ки дар ин самт ҷудо карда шудааст, маҳдуд ва қонеъсозии ҳар як ариза берун аз имкон.**

Нафароне, ки аризаашон қонеъ гардонда нашуд, аз беадолатӣ шикоят мекарданд.

Боз шахсоне ёфт мешуданд номнавис шуда бошанд ҳам, аз фаъолияти комиссия норизо: «Ноинсоф, то якмоҳаашро нагирифт, корро дуруст накард!» мегуфтанд.

Наход ба нафақапулӣ барин чиз ҳам, ки барои ночорҳо ҷудо шудааст, чашм ало кунанд? Чашми тамаъ ба одами ночор медӯзанд.

Бале, шамол ҳаст, ки барги дарахт меҷунбад.

Дар байни роҳбарони масъули хоҷагӣ ё идораву ташкилотҳо низ, ки аз ҳаққи мардуми ночор ҳазар намекунанд, мавҷуданд. Аз ҷониби давлат ё ташкилотҳои хайриявӣ барои ночорҳое, ки дар вазъи ногувор ҳаёт ба сар мебаранд, борҳои башардӯстона фиристода мешаванд.

Вале онҳо пурра ба соҳибони худ рафта мерасанд? Мутаассифона на ҳамеша.

Чанде пеш роҳбари яке аз ширкатҳоро сабукдӯш сохтанд. Назар ба овозаҳое, ки паҳн шуданд, роҳбар ба хиёнат роҳ дода будааст. Аҷиб он ки вай нафақат роҳбар, боз сарватманд.

Хеле хуб, ки вақтҳои охир дар роҳи таъмини волояти қонун, аз байн бардоштани тамаъгарӣ ва коррупсия, ки монеъ ба ҳар гуна тараққиёт, иллат дар ҷомеа аст, корҳои зиёд амалӣ гардонида мешаванд.

Ба ҳифзи инсонҳои камдаромад, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, айни замон, ҳаракатҳо шиддатнок мегарданд. Дар ҷумҳурии мо низ як қисми муайяни аҳолӣ – 12-15 фоиз камбағал. Вале то вақтҳои охир калимаи «камбағал» ба забон оварда намешуд. Сабаб низ маълум... Президент дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис ба ин масъалаи дарднок низ таваҷҷӯҳ намуд. Вай иқрор шуд, барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки аксарияти сокинони минтақаҳо, хусусан деҳот, манбаи кофии даромад надоранд.

Ҷонишини аввали раиси Сенат С. Сафоев ба ин масъала кушоду равшан дахлнамоии Президентро ҷасорати бузург номид.

Мушкилот бо кадом роҳ бояд ҳал намуд? Президент гуфт, бисёриҳо чунин мешуморанд, ки ин мушкилот тавассути пардохти кӯмакпулӣ ва дастгирии моддӣ ё афзоиши андозаи он ҳал карда шавад. Аммо ин равиши яктарафа аст, ки аслан мушкилотро ҳал наменамояд.

Воқеан, ҳамин тавр. Дар байни қишри камбизоат онҳое низ зиёд, ки солим ва бардаманд, аз имкониятҳо истифода намебаранд, чашм ба роҳи кӯмакпулӣ менишинанд. Намешавад, ки онҳо аз қитъаҳои наздиҳавлӣ ҳосили дилхоҳ рӯёнда, оилаашонро хубтар таъмин созанд? Чорво бонӣ кунанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд?

Дар шароити шаҳр, хусусан, барои аҳолие, ки дар манзилҳои бисёрошёна зиндагӣ мекунанд, баъзе аз ин гуна имконот дастнорас, вале ба дарёфти шуғл имконият зиёд. Чӣ тавр зиндагӣ карданамон, аз ҷиҳате, ба худи мо вобаста.

Фарогирӣ ба шуғл ва соҳибкорӣ аз муҳимтарин самтҳо дар роҳи барҳам додани ночорист. Соҳибкорӣ, хусусан, маблағ талаб менамояд. Бинобар ҳамин Президент пешниҳод намуд, ки якҷо бо Бонки ҷаҳонӣ, Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналхалқӣ барномаи коҳиш додани дараҷаи камбизоатӣ таҳия карда шавад. Оре, маҳз таъмин бо шуғл ва ҷалб сохтани аҳолӣ ба соҳибкорӣ ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии маҳаллӣ муяссар шудан мумкин.

Ба онҳое, ки ҳосил рӯёнданӣ ё аз чорво даромад ба даст оварданӣ, замин даркор, ҷой даркор. Баробари таъмин карда шудани онҳо бо кредит дар як қатор деҳоти ҷумҳурӣ майдонҳои кишт тақсим карда дода мешаванд. Агар дар ҷавонон таҷриба ё малака ба ин ё он соҳаи соҳибкорӣ нест, онҳо ба курсҳои махсус ва такмили маҳорати касбӣ ҷалб мегарданд. Маҳз баҳри ташкили бозомӯзии касбӣ ва таъмини хоҳишмандон ба шуғл соли равон 700 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

Муайян сохтани камбизоатӣ низ аз масъалаҳои мушкил. Дар асоси таҳлили амиқи меъёрҳои байналхалқӣ методологияҳои нав дар ин бахш корбаст мегарданд. Алалхусус ба дастгирии соҳибкорӣ дар байни занон ва ҷавонон эътибор пурзӯр аст. Ҷуз ин аз воситаҳое, ки завқу шавқи аҳолиро ба соҳибкорӣ бедор месозанд, истифода карда мешавад.

Вилоятҳо, ноҳияҳо, маҳаллаҳо вазифадор карда шудаанд, ки дар навбати аввал миқдори аҳолӣ ва оилаҳои камдаромадро дар ҳудудҳои худ аниқ намоянд. Аниқ гашт, ки дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона 647 хонадон дар вазъи ногувори моддӣ зиндагӣ ба сар мебаранд. Аъзои ин хонадонҳо наздик 3 ҳазор нафар.

Дар кор бурдан бо камбизоатҳо шахсан ҳокими ноҳия, ки айни замон роҳбари сектори якум аст, масъул мебошад. Дар ноҳия бобати коҳиш додани камбағалӣ, ба соҳибкорӣ кашида шудани аҳолии ночор, додани майдонҳои кишт ба онҳо чораҳои аниқ андешида шудаанд. 41 субъекти соҳибкорӣ, ки ба муфлисӣ дучор шуда буданд, бинобар дастгирӣ фаъолияти худро аз нав барқарор намуд. Бонкҳои тиҷоратӣ вазифадор шуданд, ки барои кӯмаки молиявӣ ба соҳибкорон 21 миллиард сӯм ҷудо намоянд. Маълум шуд, ки дар ноҳия 2816 нафар ҷавонон бекоранд.

Ҳар як сектор вазифадор шуда, ки дар асоси нақшаҳои манзилнок «харитаи роҳ» таҳия ва ба корҳои амалӣ ҷиддан шурӯъ созанд.

Дар вазъи амалӣ шудани нақшаҳо имконият фароҳам меояд, ки 70 фоизи мушкилоти бекорӣ ҳал гардад.

Ҳикоят мекунанд, рӯзҳои пурғалаёни ҳаракатҳои инқилобӣ дар Русия (1917) гурӯҳе дар кӯчаҳо ҳаёҳу доштанд. Хориҷие аз як нафар пурсид: «Онҳо чӣ мегӯянд?» «Нест бод бой!» гуфта фарёд мезананд, фаҳмонд он нафар. Хориҷӣ, зоҳиран, тааҷҷуб намуд: «Беҳ он нест, ки нест бод камбағал ва камбағалӣ гӯянд? Беҳ нест, ки ҳама бой шаванд?»

Албатта, бойшавии тамоми аҳолӣ аз тасаввур берун, вале ба муносиб ва ҳарҷиҳата таъмини зиндагӣ кардан ҳар кас ҳақдор. Чораҳое, ки баҳри коҳиш додани дараҷаи нодорӣ дар сатҳи ҳукумат андешида мешаванд, натиҷа мебахшанд.

Аммо барои дарёфти шуғл ё соҳибкорӣ ҳар гуна имкониятҳо мавҷуд бошанд ҳам, як қисми аҳолӣ бинобар саломатӣ ё сабабҳои дигар аз ин имконот истифода карда наметавонанд. Онҳо воқеан ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ. Дар доираи баланд бардоштани некӯҳолии аҳолӣ хуб мешуд миқдори кӯмакпулӣ, ки ба ниёзмандон ҷудо мешавад, арзанда ва баҳри таъмини рӯзгори онҳо басанда бошад. Дар истифодаи дорувор бо нархи арзон, барқарорсозии саломатӣ дар шифохонаҳо барояшон имтиёзҳои боз ҳам зиёдтар офарида шавад.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# ХАБАРИ МУХТАСАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ КЕНГАШИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар маҷлис масъалаи баланд бардоштани самаранокии татбиқи панҷ ташаббуси муҳими аз ҷониби Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба миён гузошташуда баррасӣ гардид.

Зикр гардид, ки дар ин самт дар кишвар барои васеъ карданi ҷаҳонбинии ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва тарбияи эстетикии онҳо, тарғиби тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи ҷавонон дар бораи технологияҳои муосири иттилоотӣ, таъмини шуғли занон, рушди соҳибкории оилавӣ корҳои васеъмиқёс татбиқ карда мешаванд.

Аммо, бо сабаби вуҷуд надоштани системаи ягонаи ҳамоҳангсозии ин фаъолият, меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои бадастомада, инчунин назорати самаранок такмили кор дар ин самт зарур анд. Дар ин асос, Сенати Олий Маҷлис вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва ташкили муттасили корро, ки дар мамлакат оид ба татбиқи панҷ ташаббуси муҳим, ташкили мониторинги доимӣ дар ин самт анҷом дода мешаванд, муайян намуд.

Бо ин мақсад, инчунин дар заминаи ҳадафҳо ва вазифаҳои Барномаи амали Сенат Консепсия дар бораи баланд бардоштани самаранокии татбиқи панҷ ташаббуси муҳим ва Барномаи тадбирҳои амалӣ оид ба иҷрои вазифаҳои дар он пешбинишуда дар соли 2020 таҳия шудааст.

Барои таъмини иҷрои вазифаҳои дар Консепсия пешбинишуда як қатор вазорату идораҳо масъул муайян шуданд. Дар байни онҳо гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳар як самти панҷ ташаббус ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷониби Вазорати оид ба дастгирии маҳалла ва оила якҷоя бо Иттифоқи ҷавонони Ўзбекистон дар муддати ду моҳ ташаккул додани рӯйхати ҷавонони номуташаккил аз лиҳози минтақаҳо ва пойгоҳи маълумотҳои дахлдор, ки ба вазоратҳо ва идораҳои масъул тақдим мегардад, пешбинӣ шудааст. Ба ӯҳдаи ҳамаи кумитаҳои Сенати Олий Маҷлис вазифаҳои назорат якҷоя бо шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ аз рӯи иҷрои вазифаҳои муайянгардида ва ҳамчунин омӯзиши танқидии кор дар самти мазкур, дар ҳолати ногузир кӯмакрасонии амалӣ гузошта шуд. Ғайр аз ин ногузирии роҳандозии таҷрибаи шунидани ҳисоботи вазорат ва идораҳои дахлдор дар ҷамъомадҳои умумии Сенати Олий Маҷлис таъкид гардид.

Инчунин зимни ҷамъомад ҷамъбасти омӯзиши кор оид ба инкишофи иҷтимоиву иқтисодии вилояти Самарқанд баррасӣ гардид.

Таъкид гардид, ки бо пешниҳоди Комиссияи Сенати Олий Маҷлис доир ба ҳамдастӣ ба фаъолсозии фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимият дар маҳалҳо дар ҷамъомади умумии навбатии Сенати Олий Маҷлис шунидани ҳисоботи ҳокими вилояти Самарқанд дар бораи кор оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Самарқанд, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи масъалаи мазкур аз ҷониби гурӯҳи корӣ 2-7 марти соли ҷорӣ кор доир ба инкишофи иҷтимоиву иқтисодии вилояти Самарқанд омӯхта шудааст. Омӯзиши натиҷаи онро Комиссияи Сенат оид ба ҳамдастӣ ва фаъолсозии фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимият дар Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Самарқанд ва андешидани чорабиниҳо доир ба бартарафсозии масъалаҳои ифшогардида ва таҳияи «харитаҳои роҳ»-и дахлдор пешбинӣ гаштааст. Дар ҷамъомади умумии Сенат муҳокимаи масъалаҳое, ки ба рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Самарқанд мутааллиқанд ва ҳалли онҳо дар дараҷаи ҷумҳурӣ дар назар дошта шудааст, бо иштироки роҳбарони вазорат ва идораҳои дахлдор ба нақша гирифта шудааст. Ҳамин тариқ дар фаъолияти Сенат таҷрибаи нав ба амал татбиқ мегардад.

Дар ҷараёни ҷамъомади Шӯрои Сенат инчунин масъалаи ҳолати кор, ки доир ба беҳсозии шароити ҳаёти муҳтоҷон ба ҳимояи иҷтимоии занон ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда дар самти мазкур ба амал меояд, баррасӣ гардид.

Таъкид шуд, ки беҳсозии шароити ҳаёти оила дар минтақаҳо, хусусан занон, ки ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо, баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии онҳо, ҳалли мушкилоти мавҷуда, дастгирии ташкили иҷрои вазифаҳое, ки ба пурзӯрсозии ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ нигаронида шудааст, ки Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш.М.Мирзиёев онҳоро ба сифати вазифаҳои муҳим дар назди аъзои палатаи болоӣ гузоштааст.

Бо мақсади беҳсозии шароити ҳаёти занони эҳтиёҷманд дар ҳимояи иҷтимоӣ ва мушкилоти мавҷуда Сенати Олий Маҷлис якҷоя бо Федератсияи иттифоқи касабаи Ўзбекистон бо иштироки ҳокимиятҳои вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах, Самарқанд, Навоӣ, Қашқадарё, Бухоро ва Хоразм аз лиҳози ҳар як ноҳия (шаҳр) «харитаҳои роҳ»-и дақиқро доир ба беҳсозии ҳаёти занон, ки дар ҳолати мураккаби иҷтимоӣ қарор доранд, таҳия ва тасдиқ намуд.

Дар ҷамъомад ногузирии чорабиниҳо доир ба оммависозии «Таҷрибаи Сирдарё» доир ба омӯзиш ва ҳалли мушкилоти занон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Намангон, Сурхондарё, Тошканд, Фарғона ва шаҳри Тошканд зикр гардид. Ғайр аз ин ногузирии ҷорӣ намудани назорати парлумонӣ ва депутатӣ дар ин самт таъкид гардид.

Дар ҷараёни ҷамъомад доир ба ин масъала дигар чорабиниҳои муҳим низ муайян гардиданд.

Дар ҷамъомади Шӯрои Сенат инчунин масъалаҳое баррасӣ гардиданд, ки бо таъин намудани сафирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар баъзе давлатҳо алоқаманданд.

Аз рӯи тамоми масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

**Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

***Имрӯзҳо дар саросари вилоят моҳонаи ниҳолшинонӣ муташаккилона идома дорад.***

# БОҒДОРӢ – СОҲАИ ДАРОМАДНОК

Дар ин кори хайр ҷамоаи шуъбаи таҷрибавии Институти илмӣ-тадқиқотии боғдорӣ, токпарварӣ ва машруботи ба номи академик Маҳмуд Мирзоев саҳми арзанда мегузорад.

Дар тасарруфи он 240 гектар майдон буда, қариб 200 нафар бо боғпарварӣ ва токпарварӣ машғуланд. Мақсад ба аҳолӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ дастрас намудани ниҳолҳои мевадиҳанда, серҳосил, ба касалиҳо тобовар мебошад. Ҳар сол ба мизоҷон беш аз як миллион бех ниҳол фурӯхта мешавад.

**З. ҲАСАНЗОДА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



*Филиали аввали маркази хидматҳои давлатии шаҳри Фарғона дар доираи иҷрои фармони Президент аз 31 январи соли ҷорӣ «Дар бораи чорабиниҳои иловагии пурзӯр намудани рушди самти миллии хидматрасонии давлатӣ» фаъолияти худро ба роҳ монд.*

*Маркази мазкур дар маҷмӯи қасри маданияти «Нефтчи»-и мавзеи Қиргулӣ ҷой гирифта, дури аҳолиро наздик кард ва имкони сарфаи нақду вақти онҳоро фароҳам овард. Дар маҷмӯи мазкур бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ва штаби сектори 2, инчунин китобхонаи маҳалла ҷойгир шудааст. Ин ҷо қариб 10 намуди маҳфилҳои гуногун барои ҷавонон фаъолият мебарад.*

***Дар сурат:** филиали маркази хидматҳои давлатии мавзеи Қиргулӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Муҳити зист

# МАЙДОНИ ҶАНГАЛЗОР ВАСЕЪ МЕГАРДАД

***Хоҷагии ҷангали давлатии Деҳқонобод 55 сол қабл ташкил ёфта буд. Он аз шаш шуъба иборат буда, тақрибан 106 ҳазор гектар майдонро дар бар мегирад. 71 ҳазор гектари онро майдони ҷангал, 14 ҳазор гектарашро дара, 4 ҳазор гектарашро боғу ангурзор ташкил медиҳад. Дар 8 гектари хоҷагӣ ниҳоли дарахтони гуногун парвариш карда мешавад.***

Зардолу, олуболу, себ, беҳӣ, нок, писта, бодом, чормағз, санҷид, арча, заранг, қайрағоч, сафедор, бед барин дарахтҳои меваdору манзаравӣ ва гиёҳҳои доруворӣ мисли настаран, пудина, бӯйи модарон, зирк, дӯлона боигарии асосии ҷангал ба шумор меравад. Дар ҷангалзор хирс, гург, хук, бузи кӯҳӣ, кафтар, харгӯш барин ҷонварони ёбоӣ ва паррандаҳо вомехӯрад.

Соли гузашта барои ходимон ва коргарони хоҷагӣ бобаракат омад. Туфайли меҳри беандоза ба касб онҳо ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд, аз ҷумла, майдони ҷангал аз ҳисоби кишти тухм ва ниҳол васеъ гардид, 3 км роҳи он аз таъмир бароварда шуд. Тақрибан 4,5 тонна тухми дарахту бутта, зиёда аз 1,5 ҳазор бех ниҳоли босифат тайёр карда шуд.

–Ҷамоаамон соли ҷорӣ вақтро ғанимат дониста, корҳои ободониро саривақт сар карданд, – мегӯяд директори хоҷагии ҷангали давлатии Деҳқонобод, дорандаи ордени «Дӯстлик» Раъно Бозорова. – Зеро ҳифзи боигарии табиат – ҳар як гиёҳу дарахт, ҷонварон, ҳатто сангу хоки замин, вазифаи аввалиндараҷаи мо ба шумор меравад. Баъд аз ташрифи роҳбари давлат ба вилояти Қашқадарё, моҳи декабри соли 2018 бино ба супориши ӯ лоиҳаи барпо кардани плантатсияҳои писта барои солҳои 2019-2020 коркард шуд. Дар асоси лоиҳаи мазкур дар 2500 гектар майдонҳои писта ба вуҷуд меоянд. Аз гиёҳҳои кошташуда доруворӣ низ тайёр карда мешавад.

– Вазифаҳои ба зимма гирифтаамон хеле бузурганд, – мегӯяд сарвари шуъбаи «Консой»-и хоҷагии мазкур Усмон Холиқулов. – Кабудӣ рамзи зиндагӣ аст. Табиат ҳар чӣ бештар либоси сабз ба бар кунад, муҳитамон ҳамон қадар тоза мешавад. Мо инро ҳис мекунем. Табиати зинда ба кас хушнудӣ мебахшад ва умри инсон аз ин зиёда мегардад.

**Абдуқаюм БЕККАМОВ.**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*



*Дар мактаб-интернати ба забонҳои хориҷӣ ихтисосонидашудаи ба номи Исҳоқхон Ибрати ноҳияи Тӯрақӯрғони вилояти Намангон бо Қаҳрамони Ӯзбекистон Холчахон Мирзоева вохӯрӣ барпо гардид.*
*Раиси хоҷагии фермерии «Хадичаая»-и ноҳия Холчахон Мирзоеваи соҳибкор аз фидоиёни соҳаи хоҷагии қишлоқ мебошад. Ӯ ба рушди соҳаи мазкур ҳиссаи муносиб гузошта, дар фаъолияти фермерӣ ба натиҷаҳои баланд сазовор шудааст.*
*Дар вохӯрӣ Холчахонапаи қаҳрамон ҷавононро барои пухта илм омӯхтан, соҳиби касб шуда, ба Ватан хидмати фидокорона карданро талқин намуд.*
***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинӣ.*
***Суратгир:***
***Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

**Мавзӯи рӯз**

# ВОСИТАИ АСОСИИ ТАРҒИБОТ

Ҳоло барои баланд бардоштани маърифатнокии аҳли ҷамъиятамон чорабиниҳои судбахш андешида мешаванд. Дар миқёси мамлакат арзишҳои миллӣ аз нав барқарор гардида истодаанд. Эҳёи миллӣ оғоз гардидааст, ки ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаётамонро фаро мегирад. Ҳамаи чорабиниҳои маърифативу маънавӣ барои тарбияи маънавии мардум, васеъшавии шуури миллии халқамон нигаронда шудааст.

Аммо мо бояд дар ин ҷода аз дастовардҳо саргарм нашуда, оиди ҳалли муаммоҳои соҳаи маънавияту маърифат андеша ронем. Яке аз муаммоҳои ҳалталаби ин соҳа он аст, ки дар маҳалҳо бисёр чорабиниҳо барои ҳисобот, барои намоишкорӣ гузаронида мешаванд. Корҳои маърифатӣ дар байни омма кам гузаронида мешавад. Тайи 30 соли охир ба деҳаи мо, ки дорои 20 ҳазор аҳолӣ аст, санъаткорон наомадаанд, ягонто китобхонаи замонавӣ мавҷуд нест. Клуби аз колхоз меросмонда, ки дар ихтиёри шуъбаи маданияти ноҳия аст, рӯз ба рӯз вайрон шуда истодааст. Се сол инҷониб ба ҳокимони ноҳияву вилоят оиди таъмири клуб мурочиат мекунем, аммо амалӣ намешавад.

Муаммои дигаре, ки дар тарбияи ҳаматарафаи мардум аҳамияти калон дорад, масъалаи дастрасии рӯзномаву маҷаллаҳо мебошад. Аз ин 30-40 сол пеш хаткашон ба ҳар як хонадон камаш 2-3 рӯзнома оварда медод. Имрӯз бошад, дар як маҳаллаи дорои 300-400 хонадон, фақат 2-3 нафар рӯзнома мегиранд. Мо, ба назарам, фаромӯш кардаем, ки тарғиботчии асосӣ, ғояҳои инсонпарварӣ, мафкураи давлатӣ, пеш аз ҳама, рӯзнома мебошад. Имрӯз нархи обуна ба рӯзномаҳо нисбат ба даромади аҳолӣ хеле баланд аст. Барои дастраси омма намудани рӯзнома бояд давлат аз ҳисоби буҷа маблағ ҷудо карда, нархи онро фароварад. Он гоҳ рӯзнома ба ҳар як хонадон рафта мерасад.

Имрӯз мо аз минбарҳои баланд барои баланд бардоштани маънавият, маданияти миллӣ, ҳуқуқӣ, донишҳои сиёсӣ, иқтисодии мардум ҳарф мезанем. Аммо бигӯед, хонадоне, ки дар давоми сол рӯзнома нагираду нахонад, аз куҷо маънавияту маърифатро баланд бардоштан мумкин аст? Дуруст, ки телевизор, интернет, лекин аз рӯи инсоф бигӯед, ки кадоме мондагор аст? Мо бояд қувваи тарғиботчигии рӯзномаро фаромӯш накунем. Масъалаи дастраси ҳамагон шудани рӯзнома бояд дар идораҳои давлатӣ ҳаллу фасли худро ёбад. Вагарна дар соҳаи маънавият ба мақсадҳои аслии худ расида наметавонем. Дар соҳаи нашру фурӯши китобҳои бадеӣ низ ҳамин тавр кардан мувофиқи мақсад хоҳад буд.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
*деҳаи Варзики ноҳияи Чуст.*

***Аз Мурочиатномаи Президент ба Олий Маҷлис бармеояд, ки имсол барои ба амал татбиқ сохтани сиёсати давлатии ҷавонон дигаргуниҳои куллӣ рух хоҳанд дод.***

# МАСЪАЛАИ ҶАВОНОН МУҲОКИМА ЁФТ

Имрӯзҳо бо шуғли доимӣ фаро гирифтани ҷавонон масъалаи аввалиндараҷаест, ки дар назди роҳбарони масъул истодааст.

Дар сессияи навбатии Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ҷиззах, ки бо иштироки депутатҳои Олий Маҷлис, сенаторон, роҳбарони идораву муассисаҳо, масъулони чор сектор шуда гузашт, маҳз ҳамин масъалаҳо муҳокимаи худро ёфтанд. Дар он роҳбарони секторҳо оид ба корҳое, ки дар ин бора то имрӯз ба анҷом расонидаанд, ҳисобот доданд.

– Маҷмӯи чораву тадбирҳо ва «харитаи роҳ» ба тасвиб расид, ки аз 49 банд иборат мебошад, – гуфт ҳокими вилоят, роҳбари сектори якум Эргаш Солиев. – Дар назар дошта шудааст, ки он дар дувоздаҳ марҳила амалӣ мегарданд. То ин дам беш аз 19 ҳазор ҷавонони номуташаккил соҳиби кор гардиданд, ки аз 18 то 30-сола мебошанд.

Вохӯриҳои «Ҳоким бо ҷавонон», «Прокурор бо ҷавонон» ба таври анъанавӣ мегузарад. Дар мулоқотҳо беш аз 30 ҳазор ҷавонон иштирок намуда, аз муаммо ва мушкилот маълум карданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# «МАН ЁД КАРДАМ, ОЧА...»

**АРЗИШҲО**

Яке аз рӯзҳои сарди зимистон буд. Гуландом аз занги соат бедор шуд. Пардаи тирезаро оҳиста яклаба ва ба берун нигоҳ кард. Ҳама ҷо сап-сафед барф. «Имшаб ҳам боридааст, то аз хоб хестани бачаҳо ба оғилхона, ошхона ва дарвозахона бояд роҳ кушод», аз дил гузаронд ӯ. Аз болои курта нимчаи пахтагинашро пӯшид, ба сараш рӯймоли калонашро басту ба берун баромад. Дар таги дар бели чӯбин, ки шавҳари раҳматиаш сохта буд, меистод. Онро гирифту ба ҳезумхона роҳ кушод, як бағал ҳезумро гирифта ба хона даромад. Хокистари бухориро тагурӯ кард. «Ҳоло хокистараш кам будааст, якбора бегоҳӣ тоза мекунам» аз дил гузаронд ӯ ва ҳезумҳоро дарчинд. Дар зери онҳо коғазпораро монду гӯгирд зад. Ҳезум, ки камтар нам кашида буд, ба осонӣ дарнагирифт, чойнак, обдастаи болои бухориро аз об пур кард. Боз ба берун баромад, белро гирифту барфи роҳрави ошхона, молхона, ҳоҷатхонаро тоза кард. Аз ошхона дар лаганди калон орд гирифт, элаку суфраро низ гирифта ба хона даромад. Оташи бухорӣ гуррос зада месӯхт ва аллакай оби чойнак меҷӯшид. Обро гарму хунук карда ба хамиршӯрӣ шурӯъ кард. «Ба набераҳоям нону кулчаҳои гарм пухта диҳам, ду-се рӯз аз ширу ҷурғоту қаймоқ сер шаванд, охир онҳо ҳама чизро харида мегиранд», аз дил гузаронд ӯ. Духтари калониаш дар шаҳр зиндагӣ мекунад. Домодаш шифокор, духтараш ҳамшираи тиб. Онҳо як духтару ду писар доранд. Дар таътили тобистонаю зимистон ва рӯзҳои ид ӯро диданӣ меоянд.

Гуландом хамирро гашта-гашта мушт заду болояшро бо дастурхон ва кӯрпаи ғафс пӯшонд. Духтару набераҳояш ҳам як-як бедор шуда аз пайи дастурӯйшӯйӣ шуданд.

– Момоҷон, оби обдаста ин қадар хунук? – гуфт набераи хурдакакаш Сафия.

– Вой бар ҳоли мани фаромӯшхотир, оби гармро ба берун набаровардаам, ҳозир, ҷони момо, – Гуландом саросема обдастаи болои бухориро гирифту ба берун баромад.

То шустушӯ кардани бачаҳо дастархон паҳн кард. Дар косаҳо шир, дар пиёла қаймоқ, равғани зард андохт. Мураббои себ, зардолу, олуча, ки аз меваҳои боғ худаш тайёр карда буд, гузошт. Ҳама бо иштиҳо нонушта карданд.

Гуландом ба духтараш Гулчеҳра нигоҳ карда рамуз гирифт, ки табъи ӯ хира аст, лоғар шудааст. Гапро аз куҷо сар карданро надонист.

– Духтарам, худаш чӣ гап, магар ягон ҷоят дард мекунад? Ду рӯз боз табъат хира, оилаат тинҷ аст, магар туро хушдоману шавҳарат ранҷонданд? – пайи ҳам савол дод Гуландом.

– Очаҷон, тинҷӣ. Феъли хушдоманамро медонед, аз ин пеш ҳам дар бораи ин ба шумо гуфта будам. Ба ҳар як кори ман эрод мегирад, аз хӯрокҳои пухтаам камбудӣ меҷӯяд. Дирӯз модарамро диданӣ равам гуфта пурсидам. Ӯ бошад, «ҳама вақт ту диданӣ меравӣ, очаат ҳеҷ гоҳ аз туву набераҳояш хабар намегирад», гуфту боз ду-се гапҳои зиёдатӣ зад. Барои ҳамин камтар аз онҳо ранҷидам.

– Хайр, ҳеҷ гап не, хушдоманат одами куҳансол, ту набояд аз ӯ ранҷӣ. Сабр кун, бачаҳоят калон шаванд, ҳамааш фаромӯш мешавад. Ман ҳам дасти танҳо, молу ҳол, боғ, хонаву дар гуфтагӣ барин, ба кӣ партофта меравам? Дар шаҳр набошам, ки дарро қулф зада, бехавотир 5-6 рӯз монда равам.

– Очаҷон, магар хушдоманам инро намедонад?

Бо ҳамин суҳбати очаю духтар анҷом ёфт.

Гулчеҳра модари танҳояшро пазмон мешуд. Падараш хеле ҷавон, ба бемории гирифтор шуду аз олам чашм пӯшид. Се духтар паси ҳам ба шавҳар баромаданд. Модари меҳрубонаш қасди ҷудоӣ, танҳоӣ ва пазмониҳоро аз меҳнат мегирифт. Мана, ҳоло ҳам дар танӯр нон мепазад, дар деги оташдон шӯрбо микир-микир ҷӯшида истодааст, ҷурғотро ба гуппӣ андохта мондааст, сонитар равғани онро ҷудо карда мегирад. Саҳарӣ гову новвосашро ба подабон супурда омад, акнун оғилхонаро бояд тоза кунад.

Ҳар дафъаи ба хонаи падар омадан Гулчеҳра мегуфт: «Оча, бо мо зиндагӣ кунед ё аз набераҳоятон ҳамроҳ гиред. Мо ҳам бехавотир мегардем».

– Духтарам, аз домод шарм медорам, хушдоман, падарарӯс дорӣ, дар назди онҳо хиҷолат мекашам. Ҳар як фарзанд бо падару модари худ ба воя расад. Мана, набераи мактабхони Соҷигул, ки доимо бо ӯ буд, дар мактаб сигор кашиданашро дар маҷлиси падару модарон муҳокима кардаанд. Келинаш ба сари Соҷигул дод задааст ва гуфтааст, ки ба ҳамаи ин шумо айбдор. Набераатонро эрка кардаед.

Гуландом ба набераҳо, ки ин сӯ, он сӯйи ҳавлӣ медавиданд, нигоҳ карда хушҳол мешуд. «Охир, ба инҳо ҳам душвор. Дар шаҳр аз хона кам берун мебароянд, ҳама вақт таҳти назорат. Озодона даву тоз кардан наметавонанд. Якеашро мегирифтаму, аммо бачаи кас-да, аз ҷавобгариаш метарсам», аз дил мегузаронд ӯ.

Пардаи торикӣ фаро мерасид. Ҳама ба хона даромаданд. Ба ёди Гуландом беихтиёр се сагбачааш, ки 15 рӯза буданд, расид ва аз ҷояш хесту хост онҳоро ба алафхона, ки гармакак буд, дарорад. «Бах-бах» гуфта онҳоро ҷеғ зад, гирду атрофи ҳавлиро дида баромад, аммо онҳо дар ҳеҷ ҷо набуданд. Набераи калониро, ки панҷсола буд, садо дод:

– Самирҷон, сагбачаҳоро надидӣ?

– Момоҷон, ман онҳоро ба гуппӣ андохтам. Худатон гуфтед-ку, шаб дар берун намонанд, хунук мехӯранд.

Гуландом ҷонсарак ба сӯйи гуппӣ, ки дар назди танӯрхона меистод, тохт. Ба гуппӣ, ки қариб ба қадаш баробар буд, хам шуда нигоҳ кард. Сагча питиррос мезад. Гуландом оҳиста гуппиро яклаба кард. Сагбачаи дар рӯй буда оҳиста, дуюмаш калавида-калавида аз он баромаданд. Сеюмаш, ки аз ҳама таг монда буд, аллакай сахт шуда мурда буд. Ин ҳолро дида Гуландом ҳангу манг шуд.

– Эҳ, ҳайфи сагбача, фарбеҳаку лӯндаяк шуда буд, ман онҳоро дӯст медорам, охир онҳо ҳамроҳаки ман мебошанд. Писарам, ин чӣ кори кардаат? Эҳ, бачаҳои нодон!

Гуландом хориаш омад ва аз чашмонаш ашк ҷорӣ шуд. Аҷибаш он буд, ки модари сагбачаҳо аз куҷое пайдо шуд ва ду сагбача ба сӯйи модарашон давида рафтанд. Модарсаг дид, ки бачаи сеюмаш намеҷунбад, наздиктар омада онро лесид, бӯй кард, бо пояш як-ду маротиба тела дод. Пас ба атрофиён имдодталабона нигоҳ кард. Аз нигоҳи саг маъние маълум буд: «Чаро бачаи маро куштед? Он чӣ гуноҳ карда буд?»

Гуландом ҳолати модарсагро дида беихтиёр гиря кард...

Баъди панҷ рӯзи меҳмонӣ Гулчеҳра анҷоми бачаҳояшро ғундошта, аз пайи рафтан шуд. Гуландом ба борхалтаи ӯ аз меваҳои хушки боғ, аз себҳои калон-калони бечирм, равғану маска андохт.

Ҳангоми хайрухуш ба духтараш нигоҳ карда гуфт:

– Духтарам, хоҳӣ, ки рӯзгорат тинҷ ва осуда гардад, ҳар як сухани бемаъниро ба дил нагир, сабр ва қаноатро пеша кун. Ба аҳли оила бо забони ширин муносибат кун. Аз ман хавотир накаш, ҳавлии хоҳаронат наздик, онҳо зуд-зуд аз ҳолам хабар мегиранд.

Гулчеҳра модари меҳрубонашро ба оғӯш кашид, аз рухсораash бӯсид. Вай надонист, ки ин бӯсаи охирин аз модар аст...

Вақте ба мошин савор шуд, аз радио овози ҳофиз ба гӯш расида дили озурдаи Гулчеҳраро боз ҳам озурдатар мекард:

*Овози фораматро,*
*Чашми гунаҳраматро,*
*Шодиву ҳам ғаматро,*
*Ман ёд кардам оча,*
*ман ёд кардам оча.*

*Болину бистаратро,*
*Рӯмолаки саратро,*
*Тӯмори дарбаратро,*
*Ман ёд кардам оча,*
*ман ёд кардам оча...*

**Б. САОДАТ.**

**Мактаб ва ҳаёт**

# МАКТАБ САБАБИ ҲАЁТ АСТ

***Боиси хурсандист, ки имрӯзҳо дар саросари ҷумҳурӣ ба масъалаи таълим ғамхориҳои алоҳида зоҳир мегардад. Навгониҳои зиёде ба амал омада истодаанд, ки бемуҳобот, баояндаи дурахшони кишвар ва гузашта аз ин ба камоли фардои шогирдон нигаронда шудаанд.***

Мактаб макони илму маърифат, даргоҳи адабу ахлоқ аст. Муаллим соҳиби илму фарҳанг, тарбиятгари инсон мебошад. Агар муаллиму толибилм ба ҳам тавъам кор баранд, бешубҳа, боиси пешрафти мактаб мегардад.

Мактаби рақами 47, ки дар маҳаллаи «Тонг юлдузи»-и ноҳияи Чиноз ҷойгир аст, зиёда аз бист нафар омӯзгор ва чорсад нафар талаба дорад. Бинои мактаб соли 2008 сохта шудааст ва ҳангоме ки худи маҳалла тибқи Барномаи «Деҳаи обод» аз нав обод гардонда шуд, ба мактаб низ бинои дуошёна илова гардид. Хушбахтона, ҳоли ҳозир яке аз биноҳои нави мактабҳои ноҳия мебошад.

Камина ба қарибӣ ба ин мактаб ба кор омадам, дар аввал ба сифати мушоҳид ба бисёр масъалаҳои соҳаи таълим эътибор додам. Дар ҳақиқат бинои калони муҳташам, ки дар миёнаҷои деҳа қомат афрохтааст, хеле назаррабост.

Бинои мактаби замонавӣ, ки бо девори умумӣ печонда шудааст, ба боғи арчазор шабоҳат дорад. Ҳамин ки вориди бинои асосӣ мегардед, зиёда аз бист кабинети корӣ дорад, бо анҷомҳои омӯзишӣ хеле хуб оро дода шудааст. Майдончаи варзишии футбол дорад. Варзишгоҳи болопӯшида барои гузарондани бозиҳои волейбол низ мавҷуд аст. Ба қарибӣ дастпарварони мактаб дар озмуни волейбол дар миқёси ноҳия дастболо гардида, ҷойи якумро сазовор шуданд. Гузашта аз ин, дар озмуни ноҳиявӣ аз рӯи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик талабагони синфҳои даҳум Сурайё Мунавварова ҷойи якум, Самандар Ҳусейнов ҷойи дуюм, Шарофатбону Одилҷонова ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Айнан аз рӯи ҳамин намуд талабаи синфи ёздаҳ Ҷумъагул Шермуҳаммадова ҷойи якумро гирифт. Ҳоло бо ҷидду ҷаҳд ба зинаи навбатии озмун, ки ба наздикӣ баргузор мегардад, бо ғайрати дучанд тайёрӣ мебинанд.

Дар озмуни ноҳиявии байни омӯзгорон аз рӯи фанни «Тайёрии ҳарбии тодаъватӣ» омӯзгори ҳамин фан Акбар Бойматов ҷойи аввалро ишғол намуд.

Барои пешрафти мактаб хизмати роҳбарони мактаб хеле калон аст. Худи директори мактаб Абдуҷаббор Латифов зимни як суханаш гуфт, ки агар ҳар як омӯзгор масъулияташро дуруст эҳсос намояд, комёбиҳои мактаб боз афзун хоҳад шуд. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо мардуми деҳа низ аз хидмати омӯзгорони варзида Абдуҳамид Раҳмонов, Арсал Идрисов, Моҳира Раббимова, Янглиш Нодирова, Умедҷон Ғоибов, Акбарҷон Бойматов ва дигарон мамнунанд.

**Ҳикмат ҲИКМАТОВ,**
**омӯзгор.**
*Вилояти ТОШКАНД.*



*Нигора Юнусова аз зумраи омӯзгоронест, ки дар соҳаи таълиму тарбия босамар фаъолият мебарад.*
*Ӯ дар мактаб-интернати ба номи Муҳаммад Юсуфи шаҳри Андиҷон ба хонандагон аз фанни таърих сабақ медиҳад. Муаллимаи бомаҳорат аз технологияҳои педагогии замонавӣ истифода бурда, дарсҳояшро босамар мегузаронад. Хидмати Н. Юнусоваро дар тарбияи насли наврас дар рӯҳи муҳаббат ва садоқат ба Ватан муносиб баҳо дода, мувофиқи Фармони Президент дар арафаи 28-умин солгарди истиқлоли кишварамон бо медали «Шуҳрат» тақдир гардониданд.*
***Дар сурат:** омӯзгори соҳибтаҷриба **Нигора Юнусова** бо шогирдон.*
***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# Ҳамкорӣ мустаҳкам мешавад

***Раиси шӯрои раёсати ширкати «OnePetra Holdings Pte Ltd»-и Сингапур Деннис Лоук бо сафари корӣ ба Намангон омад.***

Дар мулоқоте, ки дар ҳокимияти вилоят баргузор шуд, миёни ширкати «OnePetra Holdings Pte Ltd» ва ҳокимияти вилояти Намангон 3 муоҳидаи сармоявӣ ба мабалағи умумии зиёда аз 110 миллион доллари ИМА имзо гардид.

Мувофиқи муоҳидаи имзошуда ширкати Сингапур дар вилояти Намангон бо шарти ворид кардани сармояҳои бевосита дар 25 гектар майдон фермаи мурғпарварии иқтидораш рӯзе 1 миллион адад тухм бунёд мекунад, ки арзиши лоиҳавии он 16 миллион долларро ташкил медиҳад, дар 20 гектар майдон бошад, фермаи паррандапарварӣ бо иқтидори рӯзе 1 миллион адад тухми бедона бо арзиши 16 миллион доллар, дар майдони 5 гектар корхонаи коркарди маҳсулоти ин ду ферма ба арзиши 8 миллион доллар бунёд менамояд.

Ғайр аз ин соҳибкорони Сингапур барои татбиқсозии лоиҳаи бунёди кластери моҳипарварӣ дар майдони 50 гектар оид ба истеҳсоли соле 60 тонна харчанги обӣ ва 1200 тонна моҳӣ, ҳамчунин 40 миллион доллар барои лоиҳаи сохтмони корхонае, ки ба истеҳсоли рӯзе 500 тонна нуриҳои органикӣ ва озуқа барои моҳиҳо аз ҳисоби коркарди ҳазорҳо тонна партовҳои озуқаворӣ махсусонида шудааст, сармоягузорӣ мекунанд.

**Акрамҷон САТТОРОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

***Дар ҳудуди шаҳраки Чодаки ноҳияи Поп, аз тарафи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Нуран Ӯз» 180 гектар замин ҳамвор ва ба кишт ҳозир карда шуд. Дар ин ҷо иборат аз зардолузор ва токзор барпо кардани боғи интенсив дар назар дошта шудааст.***

# Барои ҳифзи оилаҳои камтаъмин

80 фоизи маҳсулоти рӯёнидаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Нуран Ӯз» содир мегардад.

Лоиҳа солҳои 2020-2023 марҳила ба марҳила амалӣ гардида, 200 нафар аҳли ноҳияи Поп бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд.

Ба қарибӣ ба 40 оилаи ҷавони камтаъмин 30 сотихӣ замин ҷудо карда шуд. Ҷавононе, ки соҳиби замин гардиданд, ба ин ғамхорӣ изҳори миннатдорӣ ва дарҳол корҳои кишти баҳориро оғоз намуданд.

– Ду нафар фарзанд дорам. Сипосгузорам, ки барои ҳифзи иҷтимоии оиламон 30 сотих замин ҷудо карда шуд. Бо ҳамсарам аз ин замин самаранок истифода бурда, ҳосили дилхоҳ мерӯёнем. Бо меҳнати ҳалоламон фарзандонамонро бонӣ ва онҳоро солим ба воя мерасонем, – гуфт Умедҷон Базиров.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Намангон, узви Сенати Олий Маҷлис Хайрулло Бозоров иштирок кард.

Дар ноҳияҳои Чуст ва Учқӯрғон низ заминҳо барои оилаҳои камтаъмин тақсим карда мешаванд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

## ХАБАРҲО

### Ҷавонони муташаккил дар «Алоқабанк»

***Дар сохтори «Алоқабанк» ҷамъ 1270 нафар фаъолият баранд, аз онҳо 480-тояшонро ҷавонон ташкил менамоянд. Дар дастгирӣ ва татбиқи амалии ташаббусҳое, ки насли ҷавон нишон медиҳад, Шӯрои пешбарҳои Иттифоқи ҷавонон нақши босазо дорад.***

Ба ин гуна шӯро дар «Алоқабанк» муовини раис Ҳасан Раҳматов роҳбарӣ мекунад. Дар ҷамъомади навбатӣ фаъолияти Шӯро дар соли 2019 сарҳисоб ва вазифаҳои ҷавонон дар соли 2020 муайян карда шуданд. Аз байни ҷавонони ташаббускор, ки дар «Алоқабанк» фаъолият мебаранд 4 нафар пешбарҳои нав интихоб гардиданд. Шӯро фаъолияти худро дар чаҳор самт: корҳои ташкилӣ, иқтисодию сиёсӣ, маънавию маърифатӣ ва кор бо ташкилотҳои поёнии Иттифоқи ҷавонон пеш мебарад. Дар ҷамъомад зарурияти кушодани курсҳои таълимии забонҳои русию англисӣ, ташкили китобхонаҳои тарзи онлайнро ҷавонон таклиф намуданд.

### Густариши фаъолияти Бонки миллӣ

***Марказҳои нави хидматрасонии бонкӣ дар маҳалҳо кушода мешаванд. Бонки миллии Ӯзбекистон ҳоло дар ин самт пешқадамтар аст. Ба наздикӣ фаъолияти марказҳои нави он дар шаҳрҳои Чирчиқ ва Олмалиқ оғоз ёфт.***

Мақсад – офаридани қулайиҳои нав ба аҳолӣ, дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, ки ба маблағ эҳтиёҷ доранд. Аз хидматрасонии замонавии марказҳо, ки таҳти қарорҳои дахлноки роҳбари давлат кушода шудаанд, аҳолӣ мамнун. Дар гирифтани вом, супурдани навъҳои гуногуни пардохт, истифода аз амонатгузорӣ ва ғайра шахсони ҷисмонию ҳуқуқӣ аз хидматҳо истифода бурда метавонанд.

### Дар доираи моҳонаи фанҳои табиӣ

***Дар доираи ба амал баровардани вазифаҳое, ки дар 5 ташаббуси муҳими Президент пешниҳодсохта муҷассаманд, дар муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳои гуногун гузаронида мешавад.***

Моҳи март дар ҷумҳурӣ Моҳонаи фанҳои табиӣ эълон шудааст. Тадбире, ки дар дабистони таълими умумии рақами 169-уми пойтахт сурат гирифт, толибилмон дар назди устодон донишҳояшон аз фанҳои табииро ба тарзи амалӣ намоён карданд. Дар дабистони мазкур маҳфили академӣ амал менамояд. Сафи донишандӯзоне, ки ба маҳфил ҷалб шудаанд, афзуда, онҳо дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷойҳои муносибро ишғол мекунанд.

### Ҷасорати маънавии донишҷӯён

***Вохӯрии роҳбарони вазорат ва идораҳои гуногун бо ҷавонон мазмунҳои нав пайдо карда ва дар доираи мулоқотҳои рӯбарӯ баробари қайд шудани комёбиҳо норасоиҳо ва мушкилот зикр ва онҳо бартараф карда мешаванд.***

Ректори Донишкадаи давлатии омӯзгории Қӯқанд бо донишҷӯён мулоқот орост. Масъулони ҳокимияти шаҳр, устодону профессорони донишкада низ ба саволҳое, ки ҷавонон доданд, ҷавоб гардонданд. Ислоҳот дар соҳаи таълими олӣ, мазмуну муҳтавои қарору фармонҳо, саъйҳо дар роҳи баланд бардоштани сифати таълим, натиҷаҳое, ки аз ҳаракатҳои муттасили фидоиёни соҳа ба даст меоянд, мавриди гуфтугӯ қарор дода шуданд. Масъалаҳое, ки ҷавонон ба миён гузоштанд, аз ҷасорати маънавии онҳо дар давраи нави таърихӣ дарак дод.

Дар поёни мулоқот ҳунарпешагони театри драмавӣ-мусиқии Қӯқанд спектакл дар асоси достони «Сабъаи сайёр»-и Навоиро намоиш доданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




Дар коргоҳи мусаввир

## САРОЯНДАИ ТАРОНАИ ҚУЛЛАҲОИ КӮҲСОР

Дар рӯ ба рӯйи маҷмӯъи Регистон бинои академияи рассомони Самарқанд ҷойгир аст. Дар ин ҷо чанд нафар мусаввирони номдори Ӯзбекистон – Нуриддин Калонов, Аслиддин Исоев ва аз он ҷумла Ҷумъабой Абдурауфи Оҳаликӣ бо эҷод ва тарбияи насли наврас машғуланд. Рости гап, дер боз ният доштам, ки дар бораи Ҷумъабой, ки солҳои тӯлонӣ бо рӯзномаҳои Самарқанд ҳамкорӣ дорад ва барои китобҳои нависандагону шоирони шаҳри бостонӣ сурат мекашад, чизе нависам.

Чанде пеш ин марди шариф 70-сола шуду асарҳояшро дар Чорсӯи маҷмӯъи Регистон ба намоиш гузошт ва албоми «Таронаи қуллаҳои кӯҳсор»-ашро чоп кард. Бо ҳамин баҳона меҳмони эҷодхонаи мусаввир шудам. Вай саргарми расмкашӣ буд. Суҳбати мо чун ҳамеша, ба қавле, қаймоқ баст.

Мусаввир дар деҳаи хушҳавои Оҳалик чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ солҳои таҳсил дар мактаби рақами 18-уми зодгоҳ ба санъат дил баст. Пас аз ба даст гирифтани номаи камол ба Тоҷикистон рафт ва шомили омӯзишгоҳи бадеии Душанбешаҳр гардид. Сипас ба ҷустуҷӯйи эҷодӣ пардохт. Барои дарёфти номи мусаввир бо бисёр устодони мӯйқалам суҳбат орост, китобҳои гуногуни соҳаро варақ зад.

Соли 1973 ба зодгоҳ омад ва дар шаҳри Самарқанд аввалин намоишгоҳи шахсии худро ташкил намуд. Дар ҷараёни тамошо ҳамкасбон, мухлисон ва санъатшиносон барои сайқал ёфтани истеъдодаш маслиҳатҳои муфид доданд. Вай Донишкадаи педагогии ба номи Низомии Тошкандро низ хатм кард ва ба узвияти Академияи бадеии Ӯзбекистон қабул гардид. То имрӯз қариб дар 50 намоишгоҳи шахсӣ ва байналхалқӣ асарҳои худро ба маърази тамошо гузоштааст.

Воқеан, дар эҷодиёти мусаввир манзараҳои зодгоҳаш – Оҳалик мавқеи хосса дорад. «Кӯчаҳои сангфарш», «Барфи аввал», «Баҳори барвақт», «Моҳи март», «Кӯе дар кӯҳсор», «Рӯзи абрнок», «Кайфияти баҳорӣ» ва ғайра далели фикри мост.

Мусаввир ба пейзаж – манзараҳои таърихии Самарқанд бефарқ нест. Масалан, «Бибихонум», «Шомгоҳи Регистон», «Тирамоҳи Самарқанд», «Шоҳи Зинда» ва дигар асарҳои ӯ диққати тамошобинро ба худ мекашанд.

Ҷумъабой Абдурауфи оҳаликӣ санъаткори рангинхаёл ва соҳибтаҷриба буда, асрори сураткаширо ба ҷавонон ёд медиҳад.

Вай муаллими омӯзишгоҳи санъати ба номи Абдулазиз Абдурасулови Самарқанд аст. Дар чор фасли сол бо шогирдон ба шаҳру ноҳияҳо, алалхусус, деҳаҳои кӯҳсор сафари эҷодӣ ташкил мекунад, ки онҳо аз табиат баҳра баранд ва барои худ мавзӯъ пайдо намоянд.

– Камина бо Ҷумъабой ҳамкасбу ҳамфикр ҳастем, – мегӯяд академики Академияи бадеии Ӯзбекистон Аслиддин Исоев, – мо дар як бино, паҳлӯи якдигар эҷод менамоем. Ҳангоми кор ба утоқи якдигар сар халонда маслиҳат медиҳем, яъне камбудии якдигарро пурра мекунем.

Чанде пеш машварат ороста тасмим гирифтем, ки дар деҳаи хушманзараи Оҳалик шуъбаи мактаби мусаввирони ҷавонро ташкил диҳем, ки ҷавобгӯйи Панҷ ташаббуси сарвари давлатамон мебошад. Умед дорем, ки ин масъала тавассути «Овози тоҷик» ба маъмурони ҳокимияти вилоят мерасад ва ташаббуси неку хайрхоҳонаи мо дастгирӣ меёбад.

– Ман бо Ҷумъабой солҳои тӯлонӣ, ҳангоми кор дар Душанбешаҳр ошно будем, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд адиби номдори тоҷик Адаш Истад, – асарҳои ӯро бо завқ тамошо мекунам. Рангтасвирҳои вай ҷозибанок, табиӣ ва серҷилоянд. Ҷумъабой қуллаҳои баланди осмонбӯс, талу ёнаҳои онро бо маҳорати баланд ба матоъ гузаронида, диққати мухлисонро ба худ мекашад.

– Нақшаҳо бисёр, – чашм аз матоъ наканда мегӯяд қаҳрамони лавҳаи мо Ҷумъабой Абдурауф, – албоми «Таронаи қуллаҳои кӯҳсор» маҳсули як қисми фаъолияти панҷоҳсолаи ман аст. Аммо худ нафаҳмидам, ки чӣ тавр синнам ба 70 расид. Кӯшиш ба ҳарҷ медиҳам, ки то лаҳзаи вопасини умр аз мӯйқалам ҷудо нашавам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

## ЗИНДАГӢ

*(Тарона)*

Ту ин қадар ширинӣ! Ба чашм нуру ба дил сурур мебахшӣ. Пару болат пур аз атри орзуву умедҳои ширин аст. Чеҳраи нурборат дилҳоро гарм нигоҳ медорад.

Ту ба одамон мадору қувват, кӯшишу ҳаракат, орзуву умед ва азми қатъиву боварии комил мебахшӣ. Ту инсонро ба сабру таҳаммул, қаноат ва шукргузорӣ ҳидоят мекунӣ.

Ту дарёи ҳамеша дар ҳаракатӣ. Амвоҷат дамандаю хурӯшанда аст. Рӯишу ободониҳо аз туст. Ту ҳастиву ман аз хушиҳоят баҳра мегирам. Ман, ки ҷавонам, ту низ ҷавонӣ, эй зиндагӣ!

Ҳарду дар вуҷуди якдигар зиндагонӣ мекунем. Якҷону яктанем.

Биё, то ба паҳлӯи дигар гаштанат, аз мастиҳои ҷавонӣ баҳра бардорем. Аз худ ба фардо бори армон нагузорем. Мисли ману ту фардоиён низ бо орзуву нишот, хуррамию сарсабзӣ ҳаёт гузаронанд.

Биё, то хушкиҳои зеҳнҳоро обӣ кунем, эй маншаи рӯишу сарсабзиҳо!

**Эркиной СУЛТОНОВА,**
**омӯзгори мактаби**
**рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи**
**вилояти Фарғона.**

## АДАБ ТОҶЕСТ АЗ НУРИ ИЛОҲӢ...

Адаб ҳусни инсон аст. Оре, шахси боадаб хислатҳои ҳамидаи инсонро, мисли илму дониш, ҳурмату иззат, касбу ҳунар, хушодобию ростгуфторӣ... соҳиб аст. Инсонҳои дорои чунин хислат фурӯтану хоксор, дурандешу ботамкин, саховатманду дарёдил мешаванд, зеро хуб медонанд, ки:

*Манманӣ ин одати шайтон бувад,*
*Ҳар кӣ худро кам гирад, мард он бувад!*

Бешубҳа, ҳар ҷо, ки адаб ҳаст, пешрафту ободӣ мешавад. Бузургони мо ба масъалаи адаб таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, онро ҳамчун ганҷи бебаҳо ва шарафу иқбол ба қалам додаанд. Дар ин маврид Бадриддин Ҳилолӣ мефармояд:

*Адаб ороиши афъол бошад,*
*Адаб осоиши аҳвол бошад.*
*Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,*
*Баҳоре дар камоли эътидол аст.*

Адаб дар назари аҳли ҷуд бахту саодат, давлати ноёб, эътибору шаҳомат, тоҷи сари мардум аст.

*Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст.*
*Сад ҷон бидиҳӣ, адаб ҳарӣ арзон аст.*
*Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасад.*
*Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.*

Панду ҳикматҳои халқӣ «Салом – алифбои адаб», «Адаб беҳтарин ганҷ аст», «Аз омӯхтани илму адаб нанг мадор»... дар худ як ҷаҳон маъно доранд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» фармуда: «Адаб сиёнат (нигоҳдорӣ)-и нафс аст, аз қавми нописандида ва феъли носутуда худро ва мардумро дар пояи ҳурмат нигаҳ дошта ва обрӯйи худу дигарон нарехтан аст. Ҳақиқати адаб он аст, ки дар ҷамии аҳвол роҳи рост дошта бошӣ».

Бузурге гуфта: «Беҳтарин сармоя ва хуштарин перояи мурод одамро таҳсили адаб аст»...

*Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,*
*Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.*
*Бузургон накарданд парвои мол,*
*Ки амволро рӯзе ҳаст завол...*

Оре, адаб аз ганҷи Қоруну мулки Фаридун афзунтар аст. Адаб аз хислатҳои беҳтарини инсонист. Одамони шарифу дурбин маҳз ба василаи адаб номи худро ба ҷаридаи олам сабт намуданд.

Аз ин андешаҳо хулоса баровардан мумкин, ки шахси боадаб ҳамеша гули сари сабад аст. Мардум ӯро эҳтиром менамоянд. Шахси боодоб дар ҳаёт хор намешавад, мавқеашро меёбад, ҳатто Зардушт ҳам «хушодобӣ»-ро тарғиб намудааст:

*Адаб дар анҷуман шамъи мунир аст,*
*Далели покии мо-физ-замир аст.*

**Шукрона ҒАФУРОВА,**
**донишҷӯйи соли аввали бахши тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**



*Ҳунари бахшигарӣ дар худ таърихи бостонӣ, забон, анъана ва урфу одатҳои халқро таҷассум намуда, баҳри тарбия намудани насли ҷавон дар рӯҳи арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ хидмат менамояд. Мактаби мусиқӣ, санъат ва бахшиёни рақами 22-юми шаҳри Тирмиз моҳи феврали соли 2018 ба кор шурӯъ карда буд. Дар ин ҷо машғулотҳо дар самтҳои бахшигарӣ, овозхонии академӣ, фортепиано ва созҳои халқӣ ба роҳ монда шудааст.*

***Дар акс:** бахшии мардумӣ **Шобердӣ Болтаев** дар ҳалқаи шогирдони худ.*
***Аксбардор: Ҷонибек ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

Нурмурод КАРИМЗОДА

## ОМОДАӢ Ё НА?

*Бигӯ, эй дӯст, дар ҳифзи ватан омодаӣ ё на?*
*Дар ин роҳи накӯ мардона по бинҳодаӣ ё на?*
*Ба хокаш саҷда бояд кард чун фарзанди шоёне,*
*Нишон аз паҳлавон – Суҳроби Рустамзодаӣ ё на?*
*Ватан-модар туро парвард бо дилгармии беҳад,*
*Чу марде дар канораш ҷону дил худ додаӣ ё на?*
*Ба арвоҳи ниёгони фидоӣ мекунам таъзим,*
*Ту ҳам дар кӯйи поси зиндаӣ афтодаӣ ё на?*
*Ҳаловат мебарам аз боди найсони диёри дӯст,*
*Фароҳманд ҳавои мушкини шаббодаӣ ё на?*
*Ҳуморам бишканад бо васли ёри хештаногӯ,*
*Дило, аз давлати ҷонона масти бодаӣ ё на?*

## ГУЛБОНГИ СУБҲ

*Ай субҳ, азон ба гӯши мо овардӣ,*
*Гулҳои умед бо дуо овардӣ.*
*Шукрона ба эҳсони Худо мегӯям,*
*К-аз авҷи само нуру сафо овардӣ.*

***

*Ай субҳ, сапедадам ба ман ёр шавӣ,*
*Дар ёфтани раҳам мададгор шавӣ.*
*Чун шому шабистон зи дарам кард фирор,*
*Бар равшании дилам ту иқрор шавӣ.*

***

*Ай субҳ, нишона ҳастӣ аз софии дил,*
*Пайғом бидеҳ ба мо зи нурбофии дил.*
*Зулмоти ғамафзо тану ҷон карда хароб,*
*Хушбахтии мо бидон зи шаффофии дил.*

***

*Ай субҳ, чаҳор фасли солам бо туст,*
*Шукронаи ин нони ҳалолам бо туст.*
*Аз хидмати халқи бошараф нагрезам,*
*Дар роҳи ватан рушду камолам бо туст.*

***

*Ай субҳ, сафои рӯзгорам бошӣ,*
*Оғози ниёзи беканорам бошӣ.*
*Дар ҷабҳаи кору ишқу эъзози ватан.*
*Илҳому мадори пойдорам бошӣ.*

Санҷиши қалам

## МОДАРАНДАР

*(Ҳикоя)*

Зимистони имсол бисёр сард омад. Ба қавле, ба замин туф кунед, ях мекард. Барф чунон борид, ки кӯчаҳои деҳаи Сангистон баста шуданд.

Суҳроб шабона дар партави чароғи керосинӣ иншои хонандагонро санҷиду пӯстинашро пӯшида берун баромад. Ҳаво соф буд, моҳи осмон шир меполид, ситораҳо чашмак мезаданд. Бар асари сардӣ дасту рӯяш ба сӯзиш даромаданд. Вай шолчаи дари гӯсфандонро яклаба карда, дар партави моҳ ба охури онҳо алаф андохту дарашонро маҳкамтар баст. Сипас ба хона даромаду бо ҳавои даҳон чароғро хомӯш карда, рӯйи ҷойгаҳ дароз кашид. Чашми рӯз накафида садои изтиробангези модараш ӯро бедор кард:

– Хез, бачем, аз дунё чӣ мегузарад, намедонӣ. Имшаб Муғҷаро дард гирифт. Момои Гуландомро даъват кардем. Вай мегӯяд, ки бача, аз афташ, бо пояш меояд.

Суҳроб саросема либосҳояшро пӯшиду пӯстинашро ба даст гирифта дар дами дар ба модараш гуфт:

– Гиря накунед, модарҷон, ҳамааш хуб мешавад, Худо меҳрубон, ба келинатон мадад диҳед. Илоҷе карда то поёни деҳа мераваму саманди амаки Наврӯз ё мототсикли Самандарро гирифта, роҳи марказро пеш мегирам.

Маркази ноҳия аз Сангистон даҳ километр дурӣ дошт. Рӯз нисф шуда бошад ҳам, аз духтуру Суҳроб дарак набуд. Дарди Муғҷа торафт шиддат пайдо мекард. Момои Гуландому холаи Соҷида дар гирди ӯ парвона буданд. Яке дар бухорӣ оташ мегиронд, дигаре атола мепухт. Модари Суҳроб – момои Давлат ҳазорисбанд дуд мекард. Ин дам садои фараҳангези момои Гуландом баланд шуд: "Худоро шукр, духтар таваллуд кард!". Дар лабони ҳама гули табассум шукуфт. Гӯё бори гаронеро аз китфаш гирифта бошанд, холаи Соҷида нафаси сабук кашид. Аммо ин хушҳолӣ дер давом накард. Дарди Муғҷа ҳанӯз давом мекард. Даробарои момоён зиёдтар шуд. Онҳо нигаронӣ доштанд, ки ҷаро ҳамраҳаки тифл намеафтад. Муғҷа бо табассуми сохта ба тифл, ки дар паҳлӯяш хобонда буданд, нигаристу ба модараш нимшунаво гуфт:

– Очаҷон, ҷаро духтур намеояд, нафасам мегардад.

– Духтарҷонакам, Офаридгор ҷонатро аз санг кунад, сабр кун, нури дидагонам, ҳоли ҳозир меояд, зимистон, роҳҳо ях бастаанд, аз ин рӯ, дер мекунанд, – гирякунон духтарашро тасаллӣ медод холаи Соҷида.

Муғҷа дигар мадори дард хӯрдан надошт, лаби кабудшудаашро газида, оҳиста чашмонашро пӯшид. Кампирон гумон карданд, ки баъди ранҷҳои тулонӣ, дард андак хира шуду Муғҷаро хоб бурд. Аммо ӯ ба хоби абадӣ рафта буд.

Баъди фурсате ба назари хола чунин намуд, ки духтараш нафас намекашад. Даст ба пешонаю дастҳояш бурда сардиро эҳсос кард ва ғайричашмдошт "Не, не!" гӯён фиғонаш ба фалак печид. Момои Давлат навҳа кашид: "Хонаи бачам сӯхт, навзодро ба кӣ мондӣ, духтарам, умедам ин набуд!". Вале гӯши фалак кар буду чашмонаш кӯр.

Ним соат пас Суҳробу духтур аз дар даромаданд. Аммо кор аз кор гузашта буд. Китфони Суҳроб афтоданд, дунё ба назараш тира гашт. Момои Давлат писарашро ба оғӯш кашида инони гиряро сар дод: "Хонаат сӯхт, бачам, хонаат сӯхт. Во, дареғ!"

Тобути майитро аҳли деҳ сари китф ба қабристон мебурданду аз дили Суҳроб ин армон мегузашт: "Агар дар фасли баҳор ё тобистон таваллуд мекард, зинда мемонд. Агар мототсикл дар роҳи яхбаста лағжида чаппа намешуд, шояд умеди беҳбудӣ буд". Дигарон ба амри Ҳақ ва тақдири пешонӣ тан дода буданд...

Ба тифл номи модарашро доданд. Парастории ӯ ба дӯши момои Давлат афтод. Момо ба ӯ шири буз медод, дар гаҳвора баста алла мегуфт:

Духтарҷонам калон шавад,
аллаё, алла,
Дастёри хонадон шавад,
аллаё, алла.
Аз модараш ёдгорам,
аллаё, алла,
Ба падараш ғамхорам,
аллаё, алла...

Ҳар бори ба гаҳвора бастани набера байтхонӣ мекарду оби дидаҳояшро дошта наметавонист. Аз ин манзара Суҳроб ба риққат меомад, дилаш фишор мехӯрд. Ба модарам душвор шуд, – аз дил мегузаронд оҳ кашида. Ӯ гоҳ-гоҳ ба сари қабри Муғҷа мерафт. Атрофи онро тоза карда бо ӯ гуфтугӯ мекард: «Азизам, ин чӣ кори кардаат? Ҳар доим «то охири умр бо шумо мемонам» мегуфтӣ, аммо ҷаро маро интизор нашудӣ? Орзуву армонҳои маро низ бо худ ба хок бурдӣ, Муғҷа. Дар зиндагӣ ва кору борам маза намондааст. Дар симои духтарчаамон туро мебинам, гӯё ту хурдакак шуда омада бошӣ. Муғҷаро ба оғӯш кашида дилам каме таскин меёбад... »

Ба қавле, умри инсон мисли оби равон мегузарад. Баъди гузарондани маъракаи сол ва гусел кардани меҳмонон дар хона амаки Суҳроб – мулло Азиз, бародару хоҳарон ва аммаю холаҳо монданд. Бо ишораи момои Давлат амаки Азиз Суҳробро ба сари дастархон хонд ва сухан оғоз кард:

– Суҳробҷон, ту ба ҷойи писарам, мана соли келин гузашт, мо ҳис мекунем, ки ба ту, хусусан, ба Давлат мушкил шуд. Дар ин овон, барои зане, ки солаш ба ҷое расидааст, аз нав бача калон кардан кори осон нест. Мо ба қароре омадем, ки туро хонадор кунем. Чӣ мегӯӣ? Суҳроб сукут варзид, сипас ба модараш нигариста дар ҷашмонаш ашк ҳалқа зад. Модар фарзандашро ба оғӯш кашида ҳунгос зад. Занон ҳамовозӣ карданд. Амаки Азиз низ ба риққат омад. Суҳроб аз ранҷи модар огоҳӣ дошт, дарун-дарун месӯхт. Аз ин рӯ, гуфт: – Тақдирро наметавон тадбир кард. Умри Муғҷа ҳамин қадар будааст. Дар ин хусус худам ҳам фикр мекардам. Барои духтарам модар, ба модарам дастёр лозим. Вале оё модарандар ба духтарам модарӣ мекарда бошад?

Амаки Азиз гуфт:

– Худо меҳрубон, таваккал ба Худо кун, писарам.

Момои Давлат ба гап ҳамроҳ шуд:

– Ман то зиндаам, намегузорам, ки набераам хор шавад, бачам. – Очаҷон, ин хел бошад, шумо ҳар чӣ гӯед, ҳамон.

Момои Давлат Муғҷаи хурдсолро ба бағал гирифта, ба писараш ҳамсари муносиб мекофт. Аммаву холаҳо вақте ба дари духтардорҳо сар мехалонданд, соҳибхонаҳо "ятимакаш будааст" гуфта, дарро ба рӯяшон мебастанд... Имсол анҷумани августии омӯзгорон дар Боғи истироҳати маркази ноҳия, дар тамошогоҳи саҳнадоре, ки дар поёнтараш харакҳоро пушти ҳам гузошта буданд, ба амал омад. Аз деҳоту ҳоҷагиҳо ва маркази ноҳия роҳбарони мактабҳо ва омӯзгорон гирди ҳам омада буданд. Пеш аз оғози анҷуман, вақте Суҳробу дӯсти омӯзгораш – Сармад дар гӯшае суҳбат доштанд, ҷавонзани ситорагарме аз онҳо пурсид: "Маъзарат мехоҳам, ба дорухона рафта омаданӣ будам, намедонед анҷуман кай оғоз меёбад?"

– Тақрибан баъди понздаҳ дақиқа, – посух дод Сармад.

– Ташаккур, расидагӣ мекардаам, – гуфту зан баромада рафт.

Сурат ва одоби муоширати зан ба Суҳроб хуш омад. Як муддат аз пасаш нигоҳ карда монд. Тасодуфан он зан бо дугонаи ҳамкасбаш дар тарафи чапи хараки онҳо, ки холӣ буд, нишастанд. Мисле ки дер боз якдигарро мешинохта бошанд, суҳбаташон то оғози анҷуман бо Суҳробу Сармад қаймоқ баст. Маълум шуд, ки зан Ҳумор ном доштаасту дар синфҳои ибтидоии мактаби деҳаи Баландкӯҳ дарс медодааст. Суҳробу Сармад низ худро ба онҳо шиносонданд. Баъди ба анҷом расидани анҷуман ҳамкасбон бо якдигар хайруш карданд. Суҳроб то истгоҳи автобус Ҳуморро ҳамроҳӣ кард. Дар рафти суҳбат вақте пурсид, ҳамсари Ҳумор чӣ касбу кор дорад, вай як муддат сукут варзиду посух дод: "Ду сол қабл ба садама дучор шуда, дар беморхона аз ҳаёт чашм пӯшид. Аз ӯ як духтар ба ёдгор монд". Суҳроб ба ӯ ҳамдардӣ баён кард ва аз чи бошад, ки дилаш ба ҳоли Ҳумор сӯхт. Вале забонаш нагашт, ки гӯяд: вай ҳам... Онҳо сари роҳ ба дукони "Олами бачаҳо" даромаданд. Ҳумор барои духтараш курта, Суҳроб, бино ба фармуди модараш, барои Муғҷа сарпӯш ва як ҷуфт шалвор гирифт. Дар касса, ба ҳолу ҷони Ҳумор намонда, пули харидҳоро Суҳроб пардохт. Баъди аз дӯкон баромадан, Ҳумор пурсид: "Магар шумо зану бача доред? Ман фикр мекардам, ки муҷаррад ҳастед".

– Бале, духтарчае дорам, вале...

Суҳроб бо дили реш саргузашташро нақл кард ва афзуд: ман дар мактаб рӯзро бегоҳ мекунам, вале барои модари пирам мушкил шуд. Магар дар пиронсолӣ рӯбучини хона, дами гарм пухтан, меҳмондорӣ кори осон аст? Дили Ҳумор фишор хӯрд, ба риққат омад ва гуфт:

– Маъзарат мехоҳам, дардатонро рӯ гирондам.

Нигоҳҳои онҳо ба ҳам бархӯрданд. Дар онҳо нури меҳру ҳамдардӣ метофт. Бале, дар лаҳзаҳое як нигоҳ бо риштаҳое ноаён дилҳоро ба ҳам мепайвандад. Қабл аз хайрухуш Суҳроб изҳор дошт:

– Ҳумор, дар як фурсати кӯтоҳ чунин ба назар расид, ки мо шиносҳои деринаем. Шумо метавонед ба як саволи ман ҷавоб диҳед?

– Шумо омӯзгор-ку, омӯзгорон кони саволанд. Марҳамат, шогирд ба ҷавоб додан тайёр.

– Модарам бисёр мехост аз деҳаи биҳиштосои Баландкӯҳ дидан кунад. Аммо дар он ҷо хеше надорем. Вай метавонад дар хонаи шумо меҳмон шавад?

Ҳумор бо лутфи ба занони зирак хос ҷавоб дод: – Ҷаро не, меҳмон атои Худо гуфтаанд, устод...

Автобус ба ҳаракат даромад, то аз истгоҳ баромадани он Суҳроб нигоҳашро аз Ҳумор наканд.

***

Момои Давлат фарзандашро тӯли як сол ин қадар хушҳол надида буд. Аз ин рӯ, гуфт:

– Суҳробҷон, чӣ дар маҷлис бароят мукофот доданд?
– Бале, мукофот доданд, очаҷон, мукофот! Худи фардо бо амаки Азиз ба Баландкӯҳ меравед. Мукофот дар он ҷост. Мушкилатон пушти сар хоҳад монд, очаҷон!

– Ҳеҷ чизро намефаҳмам, ҷони оча, рӯшантар гап зан. Чӣ хел мукофот, ҷаро дар Баландкӯҳ? Мо он ҷо хеш надорем, дар хонаи кӣ меҳмон мешавем?

– Дар хонаи Ҳумор – келини ояндаатон, очаҷон! Омӯзгор, шавҳараш ду сол қабл фавтида будааст. Як духтар дорад. Ба ман маъқул. Ин тарафашро напурсед...

(Давом дорад).

**Саодат РӮЗИЕВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-335. Адади нашр 1178, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи тайёр нашри Ширкати саҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.